# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Иззатуллозода Алихон Саидқул дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica* L.)» аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ пешниҳод гардидааст.

Абуалӣ ибнӣ Сино оид ба хусусиятҳои табобатии газна дар асари машҳури худ "Қонуни тиб" иттилоот додааст. Оид ба истифодаи газна инчунин Гиппократ, Диоскарид, Гален, Параселс дар асарҳои худ "Оиди тиб" ишора карда, газнаро "Маҳсули шарбати хуб", ки меъдаро тоза мекунад номидаанд. Намудҳои гуногуни газна дар тибби халқии давлатҳои гуногун васеъ истифода мешавад. Ҳамзамон маъмултарини онҳо *U.dioica* мебошад, ки дар бисёре аз давлатҳои Аврупо ва Осиё паҳн шудааст. Ин намуди газна ҳанӯз аз замонҳои қадим ҳамчун растании табобатӣ маълум буд. Решаи газнаро ҳангоми ҷӯшонидан бо шакар ҳамчун ивазкунандаи имбир дар қаннодӣ истифода мебаранд. Дар тибби халқи решаи *U.dioica*-ро ҳангоми вайроншавии кори ҳозима, набудани иштиҳо, оруғ, қабзияти рӯдаҳо, ҳангоми хала (колик), сустшавии ҳайзбинӣ истифода мекунанд. Ҳангоми бемориҳои пӯст, хусусан хоришак тавассути обҷӯши гарми решаи *U.dioica* баданро мешӯянд, инчунин дамобаашро ҳангоми шамолхурӣ менӯшанд. Маҳлули спиртии решаи *U.dioica* яке аз маводи беҳтарин ҳангоми табобати илтиҳоби меъда, захми меъда, ҳангоми бемориҳои аз вазнинӣ бавуҷудоянда, сили шуш, тарбод, бемориҳои асаб, ҷоғар, захми рӯдаи дувоздаҳангушта, бемориҳои дил, баландшавии фишори хун, дарди бачадон, беқувватӣ истифода бурда мешавад.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад: муайян карда шудааст, ки экстраксияи узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор имконпазир буда, шароит ва коркарди методикаи ҷудокунии кислотаҳои аскорбин, аспарагин, аспарагинат, серин, треонин, қаҳрабо, линолевӣ ва лактони сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ ва

зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* муқаррар карда шудаанд. Таҳқиқи хромотографӣ, баҳодиҳии муқоисавӣ оид ба *U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор ва *U.dioica*, ки дар дигар кишварҳо омӯхта шудааст гузаронида шуда, бо методҳои спектри инфрасурх, спектри массавӣ, резонанси магнитии ядро, резонанси магнитии протон, таҳлили элементӣ, реаксияҳои сифатӣ, хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баланэффект оид ба муайян кардани сохт, таркиб ва тозагии пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* амалӣ карда шудааст.

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар кори диссертатсионӣ шароит ва коркарди методикаи ҷудокунии пайвастаҳои органикӣ аз ҷумла, кислотаҳои аскорбин, аспарагин, аспарагинат, серин, треонин, қаҳрабо, линолевӣ ва лактони сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор муқаррар карда шуда, хусусиятҳои зидди илтиҳобӣ ва пешобронӣ онҳо ошкор карда шудааст. Муқаррар карда шуд, ки лактони сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор ҷудокардашуда хусусиятҳои зидди илтиҳобӣ ва пешобронӣ дорад.

Коркардҳои илмӣ, ки аз рӯйи натиҷаҳои корҳо аз чоп баромадаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар химия, биохимия ва дорусозӣ, курсҳои махсус ва ҳангоми хондани лексияҳо оид ба афзоиш ва инкишофи растаниҳо дар факултетҳои химия ва биологияи Донишгоҳҳои олӣ методҳои коркардшударо метавонанд, ҳангоми иҷрои корҳои лабараторӣ, навиштани корҳои курсӣ, хатмкунӣ ва диссертатсионӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

Аз автореферат бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Иззатуллозода Алихон Саидкул дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica* L.)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ пешниҳод шудааст, кори илмии дар зинаи муайян баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он бе шак, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои химия, дотсент,
ходими пешбари илмии озмоишгоҳи
"Химияи пайвастагиҳои гетеросиклӣ"-и
Институти кимиёи ба номи. В.И.
Никитини АМИТ Шаропов Ф.С.

Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, Теппаҳои шарқӣ,
минтақаи 2, хонаи 236
Тел.: (+992) 939950370,
E-mail: faruhsharopov@gmail.com

Имзои Ф.С. Шароповро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти кимиёи
ба номи. В.И. Никитини АМИТ Раҳимова Ф.А.

Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи. Айни 299/2. Институт кимиёи
ба номи. В.И. Никитини АМИТ,
Тел.: (+992-37) 225 80 95,
E-mail: info@chemistry.tj

"16" 12 соли 2025